«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав», доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Қурбонзода М. Р. ________________
«___» ______________соли 2026

# ХУЛОСАИ
## Кафедраи ҳуқуқ ва идораи давлатии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав»

Диссертатсияи номзадии Ҳомидзода Ҷонибек Убайд дар мавзуи «Таҳқиқоти ҳуқуқӣ-ҷиноятии ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8. Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ дар кафедраи ҳуқуқ ва идораи давлатии факултети сиёсат ва идораи давлатии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав иҷро шудааст.

Дар ҷараёни омода намудани диссертатсия Ҳомидзода Ҷонибек Убайд унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқ ва идораи давлатии факултети сиёсат ва идораи давлатии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав ба шумор мерафт.

Ҳомидзода Ҷонибек Убайд соли 2007 ба факултети таърихи ДДОТ ба номи С. Айнӣ ба ихтисоси ҳуқуқшинос-омӯзгор дохил шуда, онро соли 2012 хатм намудааст. Аз 1 сентябри соли 2012 то соли 2014 дар Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии № 4 шаҳри Левакант (Сарбанд) фаъолият намудааст. Мавсуф фаъолияти кориашро аз 1 сентябри соли 2014 ба ҳайси омӯзгор дар Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав оғоз намуда то ҳол ба ҳайси омӯзгори кафедраи ҳуқуқ ва идораи давлатӣ кор ва фаъолият намуда истодааст.

Номбурда бо фармоиши ректори Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав аз 11-уми октябри соли 2024, таҳти № 437-фа ба

ҳайси унвонҷӯйи кафедраи ҳуқуқ ва идораи давлатии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав бо мақсади пешбурди корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ таъйин гардидааст.

Мавзуи рисолаи диссертатсионии Ҳомидзода Ҷонибек Убайд дар ҷаласаи Шурои олимони Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав аз 30.06.2023, таҳти №11 тасдиқ гардидааст.

Шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ соли 2025, № 480-05 аз ҷониби Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дода шудааст.

**Роҳбари илмӣ** – Назаров Аваз Қувватович, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мебошад.

Диссертатсияи Ҳомидзода Ҷонибек Убайд дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқ ва идораи давлатии факултети сиёсат ва идораи давлатии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав аз 03 феврали соли 2026 муҳокима гардидааст. Ба диссертатсия аз ҷониби муқарризон баҳои мусбат дода шуда, пас аз ислоҳи камбудиҳо ба зинаи навбатии ҳимоя тавсия карда шудааст.

Оид ба натиҷаи баррасии диссертатсияи Ҳомидзода Ҷонибек Убайд дар мавзуи «Таҳқиқоти ҳуқуқӣ-ҷиноятии ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ» чунин хулоса қабул карда шуд:

**1. Мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои диссертатсия.** Диссертатсияи Ҳомидзода Ҷонибек Убайд дар мавзуи «Таҳқиқоти ҳуқуқӣ-ҷиноятии ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ ба ихтисоси 5.5.8.– Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мутобиқат мекунад.

**2. Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар Ҷумҳурӣ.** Диссертатсия дар доираи

“Барномаи давлатии муқовимат ба ҷинояткорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2030», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 265 тасдиқ шудааст ва барномаҳои дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи ҳуқуқ ва идораи давлатии факултети сиёсат ва идораи давлатии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав бо назардошти инкишоф ва такмилӣ қонунгузории ҷиноятӣ, хусусиятҳои алоҳидаи ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ, таъмин ва риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, таҳия ва пешниҳоди лоиҳаи қонунҳои мукаммал, омода гаштааст.

**3. Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 8 мақолаи илмӣ нашр карда шудаанд, ки 4 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд. Мақолаҳои нашргардидида, фарогирандаи мазмун ва моҳияти диссертатсия мебошанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикос ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, тахти №267 тасдиқ гардидааст, мутобиқ мебошад.

**4. Мавҷудияти санадҳои тасдиққунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот ё имконияти татбиқ намудани онҳо.** Натиҷаҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дорои имконияти воқеии татбиқ дар амалияи фаъолияти мақомоти давлатӣ ва ҳуқуқтатбиққунанда мебошанд. Хулоса ва пешниҳодҳои таҳқиқот метавонанд дар фаъолияти қонунгузорӣ, ҳуқуқтатбиққунӣ, аз ҷумла дар кори мақомоти тафтишоти пешакӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва судҳо ҳангоми баррасӣ ва ошкорсозии ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ истифода шаванд. Татбиқи амалии натиҷаҳои илмии таҳқиқот метавонад тавассути таҳия ва

истифодаи тавсияҳои методӣ, хулосаҳои таҳлилӣ, инчунин ворид намудани пешниҳодҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ амалӣ гардад. Имконияти татбиқи натиҷаҳои диссертатсия бо санадҳои тасдиқкунанда, аз ҷумла маълумотномаҳо, хулосаҳо ва мактубҳои тасдиқкунандаи мақомоти дахлдор тасдиқ шуда метавонад. Ҳамзамон, натиҷаҳои таҳқиқот дорои аҳаммияти амалӣ буда, метавонанд дар ҷараёни таҳияи қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин дар раванди таъмини татбиқи дуруст ва якхелаи қонунгузорӣ аз ҷониби судҳо мавриди истифода қарор гиранд, ки ин имконияти баланди татбиқи онҳоро дар амал нишон медиҳад.

Маводҳои диссертатсияро ҳангоми таълими фанни криминология, курсҳои махсус ва семинарҳо истифода бурдан мумкин аст.

**5. Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Рисолаи номзадии Ҳомидзода Ҷонибек Убайд дар мавзуи «Таҳқиқоти ҳуқуқӣ-ҷиноятии ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8. Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мубрам ба ҳисоб рафта, барои илми ҳуқуқи ҷиноятӣ аҳаммияти муҳими назариявӣ ва амалӣ дорад.

Саҳми шахсии довталаб барои гирифтани унвони илмӣ дар таҳқиқот бо якчанд омилҳо муайян карда мешавад: аввалан, натиҷаҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ, аз ҷумла хулосаҳои назариявӣ, муқаррароти асосии ҳимояшаванда ва тавсияҳои амалӣ аз ҷониби муаллиф мустақилона ба даст оварда шудаанд; дуюм, саҳми шахсии муаллиф дар навгонии илмие, ки ҷиҳати ҳалли масъалаҳои мубрами марбут ба мафҳумҳо ва мазмуни ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ ва аҳаммияти онҳо дар пешгирии ҷиноятҳорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудаанд, ифода меёбад.

Ҷанбаҳои гуногуни таҳқиқоти диссертатсионӣ дар шакли мақола ва маъруза дар конференсияҳо ва семинарҳои илмию амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ пешниҳод карда шуданд.

Навовариҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он муайян мегардад, ки бори аввал дар таҷрибаи илмии ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон кӯшиши таҳлили мукаммали хусусиятҳои ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ, дар доираи рисолаи номзадӣ анҷом дода шудааст. Ин таҳқиқот холигии мавҷудаи назариявию амалиро пур намуда, муносибати низомиро ҷиҳати омӯзиши мавзуи мазкур ҳамчун унсури муайянкунандаи ҳуқуқи ҷиноятӣ пешниҳод менамояд.

Диссертатсияи Ҳомидзода Ҷонибек Убайд дар мавзуи «Таҳқиқоти ҳуқуқӣ-ҷиноятии ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, ба ихтисоси интихобшуда пурра мутобиқат мекунад.

Мавзуи диссертатсия ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисосҳои илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 5.5.8. Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мутобиқат мекунад.

Диссертатсия аз муқаддима, 3 боб, 7 зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот ва руйхати адабиётҳои истифодашуда иборат мебошад.

Мундариҷаи асосии таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия дар таълифоти зерини муаллиф инъикос ёфтааст.

**I. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда ва тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расидаанд:**

**1.** Ҳомидов Ҷ.У. Экосид ҳамчун ҷинояти конвенсионӣ [Матн] / Ҷ.У. Ҳомидов // Қонунгузорӣ. – 2024. – №4(56). – 259-266; ISSN 2410-2903.

**2.** Ҳомидов Ҷ.У. Мафҳуми ҷиноятҳои байналмилалӣ [Матн] / Ҷ.У. Ҳомидов // Маҷалаи давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2025. – №1(37). – С. 305-310; ISSN 2414 9217.

**3.** Хомидов Дж.У., Назаров А.К. Международные преступления и преступления международного характера [Текст] / Дж.У. Хомидов, А.К. Назаров // Вестник Филиала Московского государственного университета имени М.В. Ломоносова в городе Душанбе. – 2024. – №2(40). – С. 103-113; ISSN 2413-5151.

**4.** Хомидов Дж.У., Имплементация международных норм в уголовном законодательстве [Текст] / Дж.У. Хомидов // Вестник Таджикского национального университета. – 2024. – №2. – С. 210-216; ISSN 2413-5151.

**II. Мақолаҳои илмие, ки дар дигар нашрияҳои илмӣ чоп шудаанд:**

**1.** Ҳомидов Ҷ.У. Классификация преступлений международного характера, связаных с нарушениями основых права и свабода человека [Матн] / Ҷ.У. Ҳомидов // VI-умин конференсияи илмӣ-назарявии байналмилалӣ дар мавзуи «Ҳуқуқи инсон ва ҷаҳонишавӣ» бахшида ба рӯзи ҳуқуқи инсон. – Душанбе, 2023. – С. 281-285.

**2.** Ҳомидов Ҷ.У. Ҷиноятҳои конвенсионӣ дар низоми қонунгузории ҷиноятӣ [Матн] / Ҷ.У. Ҳомидов // Конференсияи умумидонишгоҳии илмию назарявии ҳайати устодону кормандони Донишгоҳи милии Тоҷикистон бахшида ба «30-юмин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Соли маърифати ҳуқуқӣ эълон шудани соли 2024» ва «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (солҳои 2020-2040)». – Душанбе, 2024. – С. 126-133.

**3.** Ҳомидов Ҷ.У Тафовут байни мафҳумҳои ҷиноятҳои конвенсионӣ, ҷиноятҳои фаромили, ҷиноятҳои байналмилалӣ ва ҷиноятҳои хусусияти байналмилалидошта [Матн] / Ҷ.У. Ҳомидов // Конференсияи илмӣ-

назарявии байналмилалӣ бахшида ба 30-солагии қабули Конститутсияи ҶТ ва «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон гардидани соли 2024 дар мавзуи «Конститутсия Ҷумҳурии Тоҷикистон-Санади олии ҳуқуқии кишвар». – Бохтар, 2024. – С. 213-221.

**4.** Ҳомидов Ҷ.У Ҷиноятҳои хусусияти байналмилалидошта, ки бо вайрон кардани ҳуқуқу озодиҳои асосии инсон рабт доранд [Матн] / Ҷ.У. Ҳомидов // Конференсияи байналмилалии илмию назариявӣ бахшида ба таҷлили Рӯзи байналмилалии ҳуқуқи инсон, 80-умин солгарди таъсисёбии СММ, эълон гардидани солҳои 2025-2030 «Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия» ва қабул гардидани қатъномаи СММ зери унвони «Нақши зеҳни сунъӣ дар фароҳам овардани имконоти навин барои рушди устувор дар Осиёи Марказӣ»–Душанбе, 2025. – С. 667- 674.

**Ҷаласа қарор кард:**

1. Диссертатсияи Ҳомидзода Ҷонибек Убайд дар мавзуи «Таҳқиқоти ҳуқуқӣ-ҷиноятии ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8. Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ кори таҳқиқии анҷомёфта ҳисобида шавад.

2. Диссертатсияи Ҳомидзода Ҷонибек Убайд дар мавзуи «Таҳқиқоти ҳуқуқӣ-ҷиноятии ҷиноятҳои дорои хусусияти конвенсионӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.8. Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ бо дарназардошти ислоҳи эродҳои гирифташуда барои ҳимоя дар шурои диссертатсионии 6D.KOA-019-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тавсия дода шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқ ва идораи давлатии факултети сиёсат ва идораи давлатии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав санаи 03 феврали соли 2026 қабул шуд.

Иштирок доштанд: 17 нафар. Натиҷаҳои овоздиҳӣ: «тарафдор» - 17 нафар, «зид» - нест, «бетараф» - нест.

**Раискунандаи ҷаласа:**
**мудири кафедра н.и.х.** **Ҷаборов Д.А.**

**Котиби ҷаласа:** **Давлатова М.Ҳ.**

**Имзоҳои Ҷаборов Д.А.. ва Давлатова М.Ҳ.-ро**

**ТАСДИҚ МЕКУНАМ:**
**Сардори шуъбаи кадрҳо ва**
**корҳои махсуси МДТ ДДБ**
**ба номи Носири Хусрав** **Нажмидинов М.М**
**«09» 02 2026 с.**

Суроға: 735140, ш. Бохтар, кӯчаи
Айнӣ 67;
Тел: 8 (3222) 2-54-81,2-22-53;
почтаи электронӣ- bgu-1978@mail.ru;
сомона- www.btsu.tj;